# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

1. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ба ихтисоси илмӣ, ки аз руйи он ба шурои диссертстсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд - ДМТ) ҳуқуқи қабул кардан дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод бо такя ба қонунгузории Тоҷикистон ва муқоисаи ҳуқуқии он ба қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, доктринаи ҳуқуқӣ, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва таҷрибаи судӣ ба омӯзиши муфассали масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ва бартараф намудани мушкилоти дар ин масъала ҷойдошта бахшида шудааст.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар қисми 2 моддаи 136 Кодекси маданиии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) иттилооти ҳифзшаванда ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ эътироф шудааст. Мувофиқи моддаи 163 ҳамин кодекс иттилоот дар ҳолатҳое, ки қонунгузории кишвар пешбинӣ кардааст, метавонад ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ бошад. Иттилоот дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ва дигар тартиби муқаррарнамудаи он маҳфуз карда мешавад. Масъалаҳои зикршуда ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ алоқамандӣ дошта, баъди қабул ва мавриди амал қарор гирифтани КМ ҶТ таҳқиқ шудаанд.

Илова бар ин, моддаи 1251 КМ ҶТ хусусиятҳои масъулият барои риоя накардани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсиониро муайян кардааст, ки ба таҳқиқоти илмию амалӣ ниёз доранд. Мавзуи хизматрасониҳои миёнаравони иттилоотӣ маҳз иттилооти рақамӣ мебошад. Иттилооте, ки тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ миёнарав дар асоси ташаббус ё дар асоси дархости шахси манфиатдор мефиристад, қабул мекунад, нигоҳ медорад ва ҷиҳати мусоидат барои иштирок дар бозори итттилоотӣ хизмат мекунад.

Дар баробари ин, набудани асосҳои ҳуқуқии возеҳ ва кам будани таҳқиқоти илмии вобаста ба мавзуи мазкур, инчунин ҷанбаҳои марбут ба ин масъала боиси мушкилиҳои ҷиддӣ дар амал мегардад. Аз ҷумла, дар ҳалли баҳсҳое, ки миёни миёнаравони иттилоотӣ ва истифодабарандагони хизматрасониҳои интернетӣ ба миён меоянд. Хусусан, масъалаҳои марбут ба муносибати миёнаравони иттилоотӣ бо шахсоне, ки ҳуқуқи моликияти зеҳниро дар шабакаҳои иттилоотию телекомуникатсионӣ соҳибанд, аз ҷумлаи масъалаҳои ҳассос ва баҳснок ба ҳисоб меравнд. Илова бар он, доираи фаъолияти миёнарави иттилоотӣ бо ворид намудани объектҳои гуногуни моликияти зеҳнӣ маҳдуд намегардад. Миёнаравии у барои рушди соҳибкории рақамӣ мусоидат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқи қот бо шиносномаи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ мебошад. Мубарамияти мавзуъ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошад, зеро миёнарави иттилоотӣ яке аз иштирокдорони бозори иттилооти рақамӣ буда, дар таъмини ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои интернетӣ ва дар рушди муттамадини савдои рақамӣ нақши муҳим мебозад. Зеро ба воситаи миёнаравии у харидорон ашёҳои истеъмолиро барои мақсадҳои шахсӣ харидорӣ менамоянд ё дастрасӣ ба иттилооти аҳаммияти инфиродидошта пайдо мекунанд. Дар рисола мафҳуми «миёнарави иттилоотӣ» ва таносуби

он бо дигар мафҳумҳои шабеҳ, дар иртибот бо қонунгузории ҶТ, мафҳум ва аломатҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, унсурҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии у ва дигар масъалаҳои вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ мавриди пажуҳиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олий аттетстаисонии назди Президенти ҶТ нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд.

Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (ба забони тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз ихтисороти қабулшуда, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботҳои «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, аз 28 июни соли 2024, №493)», таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳлили мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқикот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи

эътимоднокии натиҷаҳои таққикот, мутобиқати диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантни ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлиҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, Комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби у чопгардида, вуҷуд надорад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави

иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Сидиқов Дилшод Аҳрорович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касби «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента ҶТ розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқӣ дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Сангинзода Д. Ш.

Имзои Сангинзода Д.Ш. – ро тасдиқ мекунам.
Нозири калони кадри ИОМДОА-и АМИТ Игамова У.Я.
«13» 03 соли 2026

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Имомзода Н.М.

Имзои Имомзода Н. М. – ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«14» 03 соли 2026

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Аминова Ф. М.
Имзои Аминова Ф. М. – ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии
Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.
«14» 03 соли 2026